# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-002-и назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба кори диссертатсионии Ёрматзода Алишер Ҷолмат дар мавзуи «Технологияи педагогии ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо оила дар тарбияи худшиносии хонандагон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот.

1. Вазифаи дар назди мактаб гузошташуда, яъне тарбияи рафторҳои мусбии ахлоқии хонандагон танҳо дар натиҷаи ҳамкории мактаб, оила ва аҳли ҷамъиятчигӣ самараи хуб медиҳад. Оила ва мактаб ҳамчун шарикони масъул ва ду қувваи тавонои тарбиявӣ ба ҳисоб меравaнд. Дар сурати муттаҳид шудани онҳо аз бисёр ҷиҳат масоили тарбияи ахлоқии насли наврас ҳаллу фасли худро меёбад. Бо дарназардошти мубрам будани масъалаи мазкур унвонҷу Ёрматзода Алишер Ҷолмат мавзуи «Технологияи педагогии ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо оила дар тарбияи худшиносии хонандагон»-ро ба сифати таҳқиқоти диссертатсионӣ интихоб намудааст, ки дар шароити ҳозира бе шак мубрам маҳсуб меёбад. Мубрамияти мавзуи диссертатсияи Ёрматзода Алишер дар он ифода меёбад, ки солҳои охир таваҷҷуҳи махсуси муҳаққиқонро ташаккули худшиносии хонандагон дар раванди таълиму тарбия ҷалб менамояд. Бо истифода аз шаклу усулҳои мухталиф, махсусан, ҳамкории мактабу оила ташаккули худшиносии хонандагон аз вазифаҳои авлавиятнок маҳсуб меёбад.

2. Диссертатсияи **Ёрматзода Алишер Ҷолмат** мутобиқ ба талаботи Низомнома дар бораи шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, иҷро карда шудааст. Кори диссертатсионӣ дар кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба ҳимоя пешниҳод шудааст (хулосаи кафедраи педагогикаи

умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 17.09.2024, №1). Дар хулосаи кафедра ба диссертатсия баҳои воқеию ҳаматрафа ва мусбат дода шудааст.

3. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни 2021 года, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ шаклу усулҳои самарабахши ҳамкории мутақобилаи педагогӣ ва субъекти раванди таълим дар кори якҷояи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо оила, ки ба ташаккули худшиносии хонандагон нигаронида шудааст, матраҳ гардидааст. Ҳамзамон, дар диссертатсия ҷиҳати баланд бардоштани фарҳанги педагогии падару модарон тавассути ташкили семинарҳо, маърузаҳо оид ба тарбияи худшиносии хонандагон, такмили ихтисоси омӯзгорон аз тариқи дарсҳои тарбиявии намунавӣ бахшида ба мавзуъҳои худшиносӣ тавсияҳои судманд ироа гардидааст.

Натиҷаҳои таҳқиқотро метавон дар ҷараёни дарсҳои тарбиявии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон васеъ истифода бурд.

4. Мавзуъ ва муҳтавои диссертатсияи Ёрматзода Алишер Ҷолмат «Технологияи педагогии ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо оила дар тарбияи худшиносии хонандагон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, аз ҷумла ба *банди 3* – Антропологияи педагогӣ (консепсияи тарбия, таълим ва иҷтимоисозии шахс тавассути таълим; низомҳои /шароитҳои/ рушди шахс дар ҷараёни таълим, тарбия, омӯзиш;), *банди 5* – Назария ва косепсияҳои тарбия (омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангии тарбия; шаклҳо, принсипҳои тарбияи кӯдак дар марҳилаҳои гуногуни ба камол расидани ӯ; асосҳои арзишии ташаккули раванди таълим, низоҳои педагогии тарбия;), ҳамчунин ба Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дараҷаи

илмӣ дода мешавад (қарори Раёсати КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2017, №5/2 мутобиқат мекунад.

5. Натиҷаҳои асосии кори диссертатсионӣ дар кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳӣ ва кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва методикаи таълими Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ баррасӣ гашта, дар конференсияҳои илмӣ-амалии донишгоҳӣ ва ҷумҳуриявӣ, дар мизҳои мудаввар, семинарҳо васеъ баррасӣ шуда, ҳамзамон, натиҷаҳои асосии кори илмӣ дар 32 мақола, аз ҷумла, 12 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия нашр гардидаанд. Теъдоди интишороти довталаб дар нашрияҳои тақризшаванда ба талаботи банди 34 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқ аст.

6. Маводи дисертатсия бо истифода аз ишораҳои мувофиқ ба муаллифони онҳо ва ба сарчашмаҳои иқтибосшуда корбаст шудаанд, ки ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат мекунанд.

7. Диссертатсия ба талаботи банди 53-и Низомнома дар бораи шурои диссертатсинӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шудааст, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷаҳо ва муқаррароти нави илмӣ барои ҳимояи ошкор мебошад, ки аз саҳми шахсии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар илми педагогика шаҳодат медиҳад.

8. Талаботи Низомнома дар бораи шурои диссертатсиниро ба роҳбарӣ гирифта, комиссияи экспертии диссертатсияи Ёрматзода Алишер Ҳолмат тавсия мекунад, ки:

а) диссертатсияи Ёрматзода Алишер Ҳолмат дар мавзуи «Технологияи педагогии ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо оила дар тарбияи худшиносии хонандагон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 –

Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот барои ҳимоя дар шурои диссертатсионӣ иҷозат дода шавад;

б) ба сифати **муассисаи пешбар:**

– Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Данғара”;

ба сифати **муқарризони расмӣ:**

– **Раҳимзода Хуррам** – доктори илмҳои педагогӣ, профессор, ходими пешбари шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон;

– **Саидов Сулаймон Шохолмаҳмадович** – номзади илмҳои педагогӣ, саромӯзгори кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давалатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.

8. Барои муайян кардани вақти ҳимоя, нашр ва ҷойгир кардани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ иҷозат дода шавад.

9. Нашр ва паҳнкунии автореферат иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ,**
доктори илмҳои педагогӣ Гулмадов Файз

**Аъзоёни комиссияи экспертӣ:**
номзади илмҳои педагогӣ Сафарзода Мунир Ватан
номзади илмҳои педагогӣ Гулруи Суҳроб
05.05.2025

«*Имзои Ф. Гулмадов, М.В. Сафарзода ва Гулруи Суҳробро тасдиқ мекунам*».

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДК
ба номи А. Рӯдакӣ Амиров Ф.А.